# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
# НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «4» майи соли 2021 № 154/ои ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Таирова Мавлуда Муллоҷоновна дар мавзӯи «Ташаккули тайёрии касбии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба фаъолияти истеҳсолотӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълими касбӣ (илмҳои педагогӣ), бинобар риоя нагардидани бандҳои 10 ва 11 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва бандҳои 7, 12, 17 ва 22 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Таирова Мавлуда Муллоҷоновна рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Таирова Мавлуда Муллоҷоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, №4.

Раис Розиқзода А.